# ҚАРОРИ
## ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**09 январи соли 2021** **ш. Душанбе**

Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи Бобохонзода Мирзо Ҷаббор, дар мавзӯи: «Танзими давлатии рақобатпазирӣ дар комплекси агросаноатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05- Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент пешкаш гардидааст, мавриди муҳокима қарор дода, тақриз ва баромади роҳбари илмӣ: - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт**; тақризи мусбати муассисаи тақриздиҳанда: - Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур; тақризҳои мусбат ва баромадҳои муқарризони расмӣ: - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи маркетинги соҳавӣ ва байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон **Рауфӣ Абдуғаффор**; - номзади илмҳои иқтисодӣ, ходими пешбари илмии илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ **Мирсаиди Аҳдия Аврорзода** ва инчунин баромади муқарризони ғайрирасмӣ аз рӯйи самти ихтисос докторони илмҳои иқтисодӣ, профессорон Султонов З.С., Умаров Х.У., Низомов С.Ф., натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонии баргузоршуда ва хулосаи Шӯрои диссертатсиониро, ки ба диссертатсия бо назардошти мубрамияти мавзӯи таҳқиқотӣ, навгониҳои илмӣ, асоснок будани онҳо, аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаю пешниҳодҳои диссертатсия, инчунин аз рӯйи натиҷаҳои корҳои чопшуда таҳия карда шудааст, ба инобат гирифта,

## ҚАРОР МЕКУНАД:

Диссертатсияи Бобохонзода Мирзо Ҷаббор дар мавзӯи: «Танзими давлатии рақобатпазирӣ дар комплекси агросаноатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент пешкаш гардидааст, ба меъёрҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)”, ки бо

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад;

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои чопгардида дар сатҳи кофӣ ва зарурӣ, мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамоянд;

Ба Бобохонзода Мирзо Ҷаббор дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад;

Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намуда, Бобохонзода Мирзо Ҷабборро бо дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

Кӣ ҷонибдори қабул шудани қарори ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ ҳаст, хоҳиш мекунам, овоз диҳед.

Овоздиҳӣ: тарафдор: 17 нафар, муқобил: нест, бетараф: нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шӯро: иҷозат диҳед, унвонҷуйро барои бомуваффақият ҳимоя намудани диссертатсия табрик намуда, ба аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, мушовири илмӣ, муқарризони расмӣ ва ғайрирасмӣ барои кори пурмаҳсулашон миннатдории бепоёни худро баён намоям.

Дар ҳамин ҷо, ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ пушида эълон мегардад.

***Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,***
***д.и.и., профессор*** ***Исайнов Ҳ.Р.***

***Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,***
***н.и.и., дотсент*** ***Саидмуродова М.А.***

***09 январи соли 2021***